Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №132 (2959) | ПАНҶШАНБЕ, 25 ОКТЯБРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Мулоқот бо намояндагони Ҷамъияти тоҷикони Финландия

**23 октябри соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ вориди шаҳри Ҳелсинки – пойтахти Финландия шуд.**

Боздиди нахустини Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Финландия бо мулоқоти судманди ӯ бо ҳамзабонону ҳамватанони муқими ин кишвар оғоз ёфт.

Дар оғози вохӯрӣ хотиррасон гардид, ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон пайваста зимни сафарҳои хориҷӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо тоҷикону ҳамватанони бурунмарзӣ мулоқотҳои судманд анҷом диҳад.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки имрӯз Тоҷикистон бо 124 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ ба роҳ монда, барои фароҳам овардани заминаи зарурии ҳамкории гуногунҷанба бо онҳо қариб якуним ҳазор шартномаву дигар санадҳои ҳуқуқиро ба имзо расондааст.

Аз марҳилаи «шиносоии мутақобила» ва «интизории қадамҳо ба сӯйи якдигар» гузашта, ба масири рушди бемайлон ворид шудани робитаҳои Тоҷикистону кишварҳои Аврупо заминаи хуб барои густариши ҳамкории гуногунҷанба, аз ҷумла бо ҷалби ҳамзабонону ҳамватанони муқими ин қитъа номида шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимнан изҳор дошт: «Мо ҳавасманди ҷалби ҳамдиёрони бурунмарзиамон ба равандҳои бунёдкорӣ дар Тоҷикистон буда, хоҳони онем, ки онҳо шарикони доимии Ҳукумати кишвар дар раванди рушди устувори ҷумҳурӣ бошанд».

Ҳамзамон таъкид гардид, ки «давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон пушту паноҳи ҳамаи ҳамватанону ҳамдиёрони бурунмарзӣ аст ва сарфи назар аз маҳалли кору зиндагиашон бо қадри имкон онҳоро дастгирӣ мекунад».

Дар мулоқот суҳбати озоду самимӣ сурат гирифт. Зимни он Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба суолу дархостҳои ҳамзабонону ҳамватанони муқими Финландия посух гуфта, ба масъулини дахлдор аз ҳайати ҳамроҳи худ барои татбиқи амалии пешниҳодҳои муфиди онҳо дастуру ҳидоятҳо дод.

Ба ҳамватанони муқими Финландия ҳамчунин асбобҳои мусиқӣ ва либосҳои миллии тоҷикӣ, китобу маводи дигари муаррификунандаи ҳаёти гузашта ва имрӯзаи Тоҷикистон тақдим карда шуд.

*www.president.tj*



## Суҳбат бо Президенти Финландия

**24 октябри соли 2012 барномаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Финландия бо мулоқоту музокирот бо Президенти ин кишвар Нийнистё Саули идома ёфт.**

Мулоқоти роҳбарони сатҳи олии ду кишвар бо маросими истиқболи расмӣ оғоз ёфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар назди қасри Президент Сарвари давлати Финландия Нийнистё Саули истиқбол гирифт.

Маросими истиқболи расмӣ бо гузориши фармондеҳи горди фахрӣ, садо додани сурудҳои миллии ду кишвар, гузаштан аз назди ҷузъу томҳои горд, арзи эҳтиром ба парчами давлатии Финландия, салому дуруд ба афсарону сарбозон ва шиносоӣ бо ҳайатҳои расмии ду кишвар ҷараён гирифт.

Масоили ташкил ва густариши ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, илмию техникӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Финландия нахуст дар мулоқоти хосаи сарони ду давлат - Эмомалӣ Раҳмон ва Нийнистё Саули баррасӣ шуд.

Муҳокимаи муфассали масоили ҳамкории ду кишвар дар музокироти расмӣ бо иштироки ҳайатҳои расмӣ идома ёфт.

Таъкид гардид, ки захираҳои фаровони табиию неруи инсонии Тоҷикистон ва сармояву технологияҳои муосири Финландия заминаи хуб барои густариши робитаҳои мутақобилан судманд аст.

Рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, хусусан гидроэнергетика, саноати кӯҳӣ, сабук ва хӯроквори, кишоварзӣ ва сайёҳӣ аз самтҳои ояндадори робитаҳои Тоҷикистону Финландия номида шуд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба рушди ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳоди Аврупо ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ сурат гирифт. Бо қаноатмандӣ изҳор гардид, ки Тоҷикистону Финландия доир ба масоили зиёди амнияти минтақавию ҷаҳонӣ, обию энергетикӣ, экологӣ, ҳифзи иқлими сайёра аз гармшавӣ ва таъмини дастрасии васеи аҳолии ҷаҳон ба оби поки ошомиданӣ мавқеи ягона ва ё ба ҳам наздик дошта, дар ин самт ҳамгиройии судманд ба роҳ мондаанд.

Баъди анҷоми музокироти расмӣ як созишномаи байниҳукуматӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя ба имзо расид.

Зимни изҳороти матбуотӣ сарони ду давлат ба натиҷаҳои музокироти сатҳи олӣ ва дурнамои муносиботи Тоҷикистону Финландия баҳои баланд доданд.

Президенти Финландия Нийнистё Саули аз ҷумла чунин изҳор дошт: «Финландия ба густариши ҳамкорӣ бо Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи мусоидат ба бозсозии иқтисодиёт ва ҳаёти осоишта дар Афғонистон манфиатдор аст ва мо барои ин аз тамоми имкону захираҳои ду кишвар омодаем босамар истифода барем».

Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба ҷойгоҳ ва нуфузи хоси Финландия дар умури сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии Иттиҳоди Аврупо чунин изҳор дошт: «Тоҷикистон ба рушди ҳамкории гуногунҷанба бо ин кишвар ҳавасманд аст».

*www.president.tj*

● Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



## Фаъолияти шаҳрсозӣ танзими давлатиро тақозо дорад

**Бисту чоруми октябри соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид:

**1.Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Исматуллоев Д.А.»**

**2.Оид ба лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**3.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»**

**4.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон»**

**5.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм»**

**6.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ»**

**7.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**8.Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ».**

**РАИС:**- Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шурӯъ менамоем. Масъалаи якум - «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Исматуллоев Д.А.» мебошад.



(Идома дар саҳ. 2)

● Ба истиқболи 20 - солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Қоҳир Расулзода** - муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд:

## Иҷлосияи сарнавиштсоз - сарчашмаи саодати мардум

**Дар кишварамон омодагӣ ба ҷашни сазовори 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вусъат меёбад. Бахшида ба ин санаи муҳими таърихӣ сокинони мамлакат ободонӣ ва созандагиро суръати тоза бахшида, саъй доранд ин ҷашнро сазовор истиқбол намоянд. Муҳтавои мусоҳибаи моро бо муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода ҷараёни омодагиҳо ба баргузории ин ҷашн фаро гирифтааст.**

**- Аз баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли равон 20 сол сипарӣ мегардад. Хоҳишмандем сароғоз нақш ва мақоми ин Иҷлосияи таърихиро дар тақдири давлату миллати соҳибистиқлоли Тоҷикистон маънидод менамудед.**

- Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саҳифаҳои таърихи навини халқи тоҷик ҳамчун рамзи иҷлосияи наҷотбахшу сарнавиштсоз ворид гардида, аз лиҳози моҳияти нақш ва қимати таърихӣ ба Эъломияи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон арзиши баробар дорад. Агар эъломия давлатеро ба номи Тоҷикистони соҳибистиқлол эълон дошта бошад, пас Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати навбунёдро аз фанову парокандагӣ эмин нигоҳ дошта, миллати тоҷикро аз гирдоби ҷангу ҷидол, нобасомониҳо берун кашид.

Бо таъбири Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олӣ бо тақозои таърих на танҳо тифли дар гаҳвора будаи истиқлолиятро наҷот дод, балки тақдири ояндаи ӯро муайян сохт ва Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба сӯйи ҷомеаи мутамаддин ва арзишҳои волои башарӣ ҳидоят намуд».

Яке аз фазилатҳои неки Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон он буд, ки тақдири Ватану мардуми кишварро ба дасти нафаре дод, ки ҷомеаи Тоҷикистонро ба ҳам оварду сулҳу осоиш, истиқлолияту рукнҳои давлатиро пойдор намуд. Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сармеъморе баргузида шуд, ки мебоист на фақат иморати аз ҷанг вайроншудаи давлати тоҷиконро таъмир кунад, балки сохтмони онро бар пояҳои устувору қавии сифатан нав барпо намояд. Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раиси тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон мақсад ва ҳадафи асосии худро чунин баён карда буд: «Ба хотири истиқрори сулҳи пойдор ва бозгашти ҳамаи фирориён ба Ватан ман тайёр ҳастам, ки ҷонамро қурбон созам».

Хушбахтона, ин ҳадафҳои нек амалӣ гардиданду Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳи тараққиёт ва рушдро пеш гирифт. Дастовардҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоии солҳои охир баёнгари онанд, ки Иҷлосияи таърихӣ ҳидоятгари роҳи неку рост, ҳамдиливу рафоқат, дастоварду комёбиҳо гардид.

**- Муҳтарам раис, саҳми Иҷлосияро дар таҳкиму рушди равандҳои инкишофи ҷомеа чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

- Аз Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ниҳоят вазнин ва пурпечутоби музокиротро тай намуд. Дар давоми қариб чор сол ҳашт давраи музокирот, 21 мулоқоти расмӣ ва даҳҳо вохӯриҳои ғайрирасмӣ анҷом дода шуданд. Дар ин раванд ҳадафи асосӣ таъмини сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, ҳар чӣ зудтар ба ватан баргардонидани гурезаҳо ва сарҷамъ намудани миллат буд.

Инчунин барқарор кардани пояҳои фалаҷшудаи ҳокимияти давлатӣ, таъмини фаъолияти мақомоти маҳаллӣ, ҳокимияти иҷроия, судӣ, ҳифзи ҳуқуқ, ташкили артиши миллӣ, қӯшунҳои сарҳадӣ ва қабули рамзҳои давлати соҳибистиқлоламон самтҳои асосии фаъолияти давлат маҳсуб меёфтанд, ки аз Иҷлосияи тақдирсоз оғоз шуда буданд.

Бо шарофати Иҷлосияи тақдирсоз ва сулҳу осоиштагӣ дар тамоми ҷумҳурӣ, бахусус дар вилояти Суғд, садҳо иншооти таъминоти истеҳсолӣ, маданию маишӣ, фарҳангию иҷтимоӣ бунёд шуд.

(Идома дар саҳ. 3)

● Роғун - иншооти аср

## Ростиро набувад ҳеҷ заволе ба ҷаҳон...

**Нашри гузориши муқаддимавии Бонки Умумиҷаҳонӣ дар бораи арзёбиҳои таъсироти Неругоҳи барқи обии «Роғун» ба муҳити зист далели возеҳи дуруст будани иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бунёди ин иншооти барои мардуми тоҷик сарнавиштсоз аст.**

Дар гузориши фавқуззикр, ки дар сомонаи ин ташкилоти бонуфузи байналмилалии молиявӣ ба нашр расидааст, минҷумла зикр шудааст, ки дар сурати бунёд гардидани ин неругоҳ олами набототу ҳайвоноти минтақаҳои атрофи он зиён нахоҳанд дид. Ба назари мураттибони ин гузориш, маҳалле, ки сохтмони неругоҳи зикршуда ба нақша гирифта шудааст, паррандаву ҷондори зиёде надорад, ки бунёдаш ба маҳви онҳо боис шавад. Масъалаи таъсири неругоҳ ба маҷрои об дар рудхонаи Вахш ва ба маҳалҳои дигар кӯчонидани аҳолии деҳаҳое, ки дар сурати бунёди садд зери об мемонанд, низ аз нуктаҳои меҳварии ин ҳуҷҷат ба ҳисоб мераванд. Дар робита ба ин масоил омадааст, ки коршиносони мустақили байналмилалӣ бо усулҳои гуногуни эътирофшуда ташхис хоҳанд кард, ки дар сурати бунёд ва пур гардидани обанбори ин неругоҳ то кадом андоза маҷрои об тағйир меёбад. Дар ҳамин росто, мураттибони гузориш навиштаанд, ки Неругоҳи барқи обии «Роғун» метавонад ба маҷрои об дар кишварҳои поёноб таъсир расонад. Айни замон онҳо муътақиданд, ки агар ин неругоҳ сохта шавад, ҳамроҳ бо Неругоҳи барқи обии «Норак» қодиранд дар мавсими хушксолиҳо мамлакатҳои поёнобро бо оби кофӣ таъмин намоянд. Вобаста ба таъсири садди неругоҳ зикр шудааст, ки он бояд амиқтар мавриди баррасӣ қарор бигирад. Мадди назар аст, ки масъалаҳои дар гузориш инъикосгардида санаи 7-уми ноябри соли ҷорӣ зимни баргузории ҳамоише дар дафтари минтақавии Бонки Умумиҷаҳонӣ, дар шаҳри Алмаато мавриди баррасии амиқ қарор бигирад. Чорабинии мазкур бо иштироки намояндагони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Афғонистон баргузор мешавад. Итминонамон комил аст, ки нишастҳои мазкур бори дигар муҳиму саривақтӣ будани бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» -ро на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои минтақа низ, собит хоҳанд кард.

*Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»*

# Фаъолияти шаҳрсозӣ танзими давлатиро тақозо дорад

(Идома аз саҳ. 1)

Мувофиқи Қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзи 10 октябри соли 2012 мандати вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ мувофиқи рӯйхати дахлдори Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ба Исматуллоев Дилшод Абдуғаффорович дода шудааст.

*Вобаста ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ба директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Комилов Абдувалӣ Ҳакимович дода мешавад.

**Абдувалӣ КОМИЛОВ:- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ ва ҳозирини муҳтарам!**

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 5-уми Нақшаи такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сохтмон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июни соли 2009 таҳти №338 тасдиқ шудааст, тибқи талаботи моддаи 46 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», бо мақсади танзими давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ ва ба низоми ягонаи таркибан мувофиқашуда даровардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи сохтмон мутобиқ ба меъёрҳои қонунгузорӣ аз тарафи Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад ва асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилию иҷтимоии муносибатҳоро дар соҳаи шаҳрсозӣ муқаррар намуда, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии соҳаи шаҳрсозиро муайян карда, муносибатҳои ҳуқуқии ба фаъолияти шаҳрсозӣ вобастабударо танзим менамояд. Меъёрҳои Кодекси мазкур асоси фаъолияти шаҳрсозиро ташкил медиҳанд ва риояи онҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ду фасл, 14 боб ва 89 модда иборат мебошад.

Лоиҳаи Кодекси мазкур бо 25 вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 апрели соли 2012 таҳти №146 маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Мувофиқи лоиҳаи Кодекси мазкур фаъолияти шаҳрсозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

-роҳ надодан ба танзим ва назорати такроршавандаи фаъолияти шаҳрсозӣ бо шаклу усулҳои гуногун;

-амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи меъёр ва қоидаҳои шаҳрсозӣ;

-масъулияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати таъмини шароити мусоиди зиндагии аҳолии ҳудуди дахлдор, барои таъмини маҳалҳои аҳолинишин бо объекти инфрасохторҳои муҳандисӣ, нақлиётӣ ва иҷтимоии таъиноти истироҳатӣ ва солимгардонии на камтар аз сатҳи меъёрҳо ва қоидаҳои муқарраршудаи шаҳрсозӣ оид ба хизматрасонии аҳолӣ барои ҳамин намуди маҳали аҳолинишин, инчунин объекти ҳудудҳои ободонӣ;

-таъмини рушди устувори ҳудудҳо дар асоси банақшагирии ҳудуд ва минтақабандии шаҳрсозӣ;

-эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва дигар субъектҳои фаъолияти шаҳрсозӣ;

-таъмин намудани шароит барои маъюбон ҷиҳати дастгирии бемонеа ба объектҳои таъиноти иҷтимоӣ ва таъиноти дигар;

-амалӣ намудани сохтмон дар асоси ҳуҷҷатҳои банақшагирии ҳудудӣ ва иморатсозӣ;

-таъмини шароит барои иштироки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо дар фаъолияти шаҳрсозӣ бо роҳи баррасӣ ва қабули қарорҳо дар соҳаи мазкур;

-амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи талаботи амнияти ҳудудҳо, муҳандисию техникӣ, мудофиаи гражданӣ, огоҳонӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, андешидани тадбирҳо ҷиҳати муқовимат ба амалҳои террористӣ;

-амалӣ намудани фаъолияти



шаҳрсозӣ бо риояи талаботи ҳифзи муҳити зист, амнияти санитарию эпидемиологӣ ва экологӣ, бо назардошти омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар омилҳо;

-амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи талаботи нигоҳ доштани бино ва иншооти таърихию мероси фарҳангӣ ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

-ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти шаҳрсозӣ;

-ҷуброн намудани зараре, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар натиҷаи риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти шаҳрсозӣ расонида шудааст;

-идора намудани хатарҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ, аз ҷумла бо назардошти дараҷаи хавфнокии объект барои ҳаёт ва саломатии инсон;

-гузаронидани намудҳои алоҳидаи расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ аз рӯйи принсипи равзанаи ягона;

-ҳангоми дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муроҷиати шаҳрвандон вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ пешниҳод нагардидани ҷавоби мусбӣ ва ё манфӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, ҷавоби мусбӣ додашуда ҳисобидани онҳо дар доираи маъқулдонии худ аз худ.

Расмиёти маъмурии вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ, бо назардошти истифодаи принсипҳои «идора намудани хавфҳо», «равзанаи ягона» ва «хомӯшӣ-нишонаи розигист» муқаррар гардидаанд.

Танзими давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ тавассути татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ ва амалӣ намудани идоракунии давлатӣ таъмин карда мешавад. Самтҳои асосии сиёсат ва танзими давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ дар лоиҳаи Кодекси шаҳрсозӣ муқаррар карда шудаанд.

Тибқи ҳамин лоиҳа идоракунии давлатии фаъолияти шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ, мақомоти маҳаллии он ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ менамоянд.

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани идоракунии давлатӣ дар соҳаи фаъолияти шаҳрсозӣ дар моддаи 12-уми Кодекси мазкур муқаррар гардидаанд.

Инчунин дар моддаҳои 13,14, 15, 16, 17, 18 ва 19-уми лоиҳаи Кодекс ваколат ва сохтори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи шаҳрсозӣ, ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти маҳаллии шаҳрсозии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, мақомоти маҳаллии шаҳрсозии шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раёсати экспертизаи давлатии лоиҳаҳои шаҳрсозӣ, хадамоти давлатии назорати шаҳрсозӣ, ки ба риояи қонунгузории шаҳрсозӣ назорат мебаранд, пешбинӣ шудаанд.

Дар лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими махсуси фаъолияти шаҳрсозӣ дар ҳудудҳое, ки иншооти меросии фарҳангӣ доранд, дар минтақаҳои курортӣ, ҳудудҳои мамнуъгоҳҳо, дар маҳалҳои аҳолинишини речаи махсуси фаъолияти ҳаётидошта, дар маҳалҳои аҳолинишини гирифтори ҳолатҳои фавқулоддаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, инчунин ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти шаҳрсозиро анҷом медиҳанд, ба таври пурра муайян карда шуда, дигар муносибатҳои фаъолияти шаҳрсозӣ ба меъёр даровarda, тавассути ҳамин лоиҳа пурра танзим гардидаанд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки тайи солҳои 1990-1994 оид ба соҳаи сохтмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони манзилҳои шахсӣ» аз ҷониби парламент қабул шудааст.

Қонуни мазкур то мавриди қабул гардидани Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон- 21 июли соли 1994, таҳти №997 қабул шуда, то ба имрӯз меъёрҳои он мавриди амал қарор доранд.

Ба лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сохтмони манзилҳои шахсӣ» аз 21 июли соли 1994 таҳти №997, «Дар бораи масъулияти иқтисодии корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо барои қонуншиканӣ дар соҳаи сохтмон ва саноати масолеҳ, конструксия ва маснуоти бинокорӣ» аз 15 майи соли 1997 таҳти №454 ва «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» аз 20 марти соли 2008 таҳти №380 ворид карда шудаанд.

Дар мавриди қабули Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозӣ пурра, бевосита ва бонизом ба танзим дароварда мешаванд, зарурати аз эътибор соқит кардани қонунҳои зикргардида пайдо мешаванд.

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ворид шудан ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кумитаҳои дахлдори он мукаммал гардонида шуд.

Бо истифода аз фурсат, аз ҳамаи вакилони гиромӣ эҳтиромона хоҳишмандем, ки лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷонибдорӣ намоянд.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Катаев Амир Ҳабибович дода мешавад.



**Амир КАТАЕВ: -Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2012 таҳти №1160 барои хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кодекси мазкур аз 2 фасл, 14 боб ва 89 модда иборат мебошад.

Меъёрҳои Кодекси мазкур асоси фаъолияти шаҳрсозиро ташкил намуда, риояи онҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошанд.

Ба кумитаи масъул ҷиҳати такмили лоиҳа аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 256 таклифу пешниҳод ворид гардид, ки аксарияти онҳо дар мувофиқа бо намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳа ворид шуд.

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи васеи кумита 3 октябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифт. Бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воридгардида, инчунин якчанд тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 13,14, 15, 16 ва 17-уми Кодекси мазкур пешниҳод гардиданд, ки онҳоро бо мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мувофиқа ва ба лоиҳа ворид шуд. Дар марҳилаи баррасии лоиҳаи Кодекс аз ҷониби роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр пешниҳодҳои зарурӣ манзур шуданд, ки онҳо низ ба лоиҳа ворид гардиданд ва Кодекси мазкурро боз ҳам мукаммал намуданд.

Лоиҳаи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Кодекси мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** -Доир ба ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Иномов Абдузафар дода мешавад.

**Абдузафар ИНОМОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Соҳаи шаҳрсозӣ яке аз соҳаҳое мебошад, ки дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши назаррас мебозад. Бинобар ин, таҳия ва қабули Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, қобили дастгирӣ мебошад.

Боиси зикр аст, ки лоиҳаи Кодекси зикршуда соҳаи ҳаётан муҳими муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун қонуни ягона ва мураттабгардида ба низом даровarda, маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоӣ, сохтмонию техникӣ, меъморӣ, бадеию фарҳангӣ, санитарию беҳдоштӣ ва экологиро дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, назария ва амалияи банақшагирию сохтмони биноҳо ва иншоотро дар маҳалҳои аҳолинишин ва ҳудудҳои байни маҳалҳои аҳолинишин танзим менамояд.

Дар лоиҳаи Кодекс танзими давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ мушаххас, тартиби таҳия ва



тасдиқи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, тарҳи генералии ҷойгиркунонӣ, банақшагирӣ ва аз рӯйи нақшаҳои пешакии асоснокшуда бо низоми ҷойгиркунонии маҳалҳои аҳолинишин, корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти маишию коммуналӣ, инфрасохтори муҳандисӣ, нақлиётӣ, инчунин масъалаҳои назорат ва иҷозатномадиҳӣ, қабул ва истифодабарии объектҳои сохтмонӣ муайян карда шудааст.

Яке аз бартариятҳои лоиҳаи мазкур ин таъмини ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва ҷамъият ба муҳити мусоиди зист, иштироки шаҳрвандон дар амалишавии фаъолияти шаҳрсозӣ, сертификатонии маводу маснуоти сохтмон ва ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ оид ба риояи қонунгузорӣ дар бораи меъморӣ ва шаҳрсозӣ мебошад.

Боиси тазаккур аст, ки лоиҳаи мазкур принсипҳои



фаъолияти меъморӣ ва шаҳрсозиро мушаххас карда, эҳтироми ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон, дигар субъектҳои фаъолиятро дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ таъмин менамояд. Илова бар ин, дар лоиҳа принсипи ҷуброни зарар, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар натиҷаи риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар ин соҳа расонида шудааст, муайян гардидааст.

Тибқи лоиҳаи Кодекс, бо мақсади таъмини фаъолият дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар муҳокима ва қабули қарорҳо дар ин соҳа шароити мусоид фароҳам меояд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният лоиҳаи Кодекси мазкурро ҷонибдорӣ намуда, аз шумо, вакилони муҳтарам, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории лоиҳаи Кодекси пешниҳодшуда овоз диҳед.

**Шодӣ ШАБДОЛОВ:** - Ба шаҳрсозӣ аз давраи қадим аҳамияти ҷиддӣ медоданд. Шаҳр танҳо макони зист маҳсуб намеёбад. Шаҳрҳо баробари бу-



нёд ёфтан маркази илм, фарҳанг низ дониста мешуданд.

Шаҳрсозӣ низом, тартиби муайяни худро дорад, ки он бояд риоя шавад. Бо қабул гаштани Кодекси мазкур шароит фароҳам меояд, ки дар ин кори муҳим пеши роҳи ҳар гуна бенизомӣ ва худсарона сохтани бино ва дигар иншоот гирифта шавад.

Аз ин лиҳоз, Кодекси мазкур қобили дастгирӣ мебошад.

*Лоиҳаи Кодекси мазкур боб ба боб ва модда ба модда ба овоз монда, яклухт қабул гардид. Вобаста ба қабули он Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор дода мешавад.

**Саттор ХОЛОВ: - Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» пешниҳод мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Зувайдов ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Азимов ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 июни соли 2012 ин лоиҳа барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони



Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои хулосаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни пешниҳодшуда бо мақсади мутобиқ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ноил гаштан ба татбиқи дурусти меъёрҳои қонун ва дар ҳамин замина аз байн бурдани мухолифати меъёрҳои қонунгузории соҳа таҳия гардидааст.

Дар лоиҳаи қонун дар таҳрири нав муқаддима, қисми якуми моддаи 3 оварда шуда, тағйирот дар 14 модда пешниҳод шудаанд.

Дар қонуни амалкунанда калимаҳои «худидоракунии маҳаллӣ», «Мақомоти сабти санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ», «Мақомоти шуғли аҳолӣ» ва «Комиссияҳои экспертии тиббии меҳнатӣ» истифода шудаанд, ки ин бар хилофи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ», «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Бо мақсади мутобиқгардонии меъёрҳои қонун ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар лоиҳа калимаҳои «худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «санади» ба «асноди», «Мақомоти шуғли аҳолӣ» ба «Мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» ва «Комиссияҳои экспертии тиббии меҳнатӣ» ба «Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ» иваз карда шуданд.

Дар моддаи 43 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст». Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ ва хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул 46 таклиф ворид гардида, аз онҳо 45 таклиф қабул шуда, як пешниҳод қобили қабул ҳисобида нашуд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 10 октябри соли равон дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод.

Кумитаи масъул, бо назардошти мулоҳизоти иштирокчиёни ҷаласа, ба хулоса омад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», бо назардошти таклифу пешниҳодҳои қабулгардида, ҷонибдорӣ шавад.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Амиршоева Саодат дода мешавад.

**Саодат АМИРШОЕВА:- Муҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.Ғафорова, С.Амиршоева ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мушаххас ифода кардани конвенсияҳои Женева ва протоколҳои иловагӣ ба онҳо, ки масъалаҳои беҳбудӣ бахшидан ба сарнавишти маҷрӯҳон ва беморон дар артишҳои амалкунанда, беҳбудӣ бахшидан ба сарнавишти маҷрӯҳон, беморон ва киштишикастагон аз ҳайати неруҳои мусаллаҳ дар баҳр, муносибат бо асирони ҳарбӣ, инчунин ҳимояи аҳолии мулкиро дар замони ҷанг пешбинӣ менамоянд, таҳия гардидааст.

Тавре ба шумо маълум аст, дар як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон андоза ва муҳимияти ёрии Ҳилоли Аҳмар зикр гардидааст.

Боиси зикр аст, ки дар моддаи 4-уми Конвенсияи Женева аз 12 августи соли 1949 «Дар бораи беҳбудӣ бахшидан ба сарнавишти маҷрӯҳон ва беморон дар артишҳои амалкунанда» зикр ёфтааст, ки «Давлатҳои бетараф муқаррароти Конвенсияи мазкурро қиёсан нисбат ба маҷрӯҳон ва беморон, ҳамчунин нисбат ба ҳайати кормандони санитарӣ ва рӯҳонӣ, ки ба неруҳои мусаллаҳи ҷонибҳои дигар мансубанд ва дар қаламрави онҳо пазируфта ё боздошт шудаанд, инчунин нисбат ба мурдаҳои аз майдони ҷанг берун баровардашуда, татбиқ мекунанд».

Ба андешаи мо нишондоди мазкур ба ҳаёти воқеии мо низ тааллуқ дорад, зеро дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ҳамчун ҷамъияти ихтиёрӣ аз рӯйи принсипҳои умумибашарӣ ба монанди башардӯстӣ, беғаразӣ, бетарафӣ, ихтиёрӣ ва ягонагӣ фаъолияти худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, мақсади асосии он мусоидат намудан ба фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ доир ба амалӣ намудани вазифаҳояшон оид ба таъмини ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, расонидани кӯмак дар замони осоишта, давраи ҷанг, ҳангоми



ҷой доштани задухӯрдҳои мусаллаҳона, ҳолатҳои фавқулодда ва техногенӣ, татбиқи чорабиниҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ, инчунин кӯмаки табобатии пешгирӣ ва иҷтимоии шахсони ба чунин кӯмак ниёзманд ва дастрасии маводи зарурии барои нигоҳубини беморон, расонидани хизмати тиббию иҷтимоӣ ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, мушаххас намудани конвенсияҳои дар боло зикршудаи Женева аз 12 августи соли 1949 дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» боиси фарогирии меъёрҳои фаъолияти ин ҷамъият дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

Инчунин мутобиқи талаботи сархатҳои якум ва дуюми қисми 1, қисми 4, сархати сеюми қисми 5, сархатҳои якум, сеюм ва чоруми қисми 6, қисми 7, сархати якуми қисми 9, қисмҳои 10, 11, 12 ва 13-уми лоиҳа меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» аз ҷиҳати услуби забон мавриди таҳрир қарор дода, ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ карда шуданд.

Тибқи сархати сеюми қисми 1 лоиҳа матни қисми 3 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» дар таҳрири нав оварда шуда, дар он номҳои конвенсияҳои Женева аз 12 августи соли 1949 ва протоколҳои иловагӣ ба ҳамин конвенсияҳо (соли 1949) мушаххас карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар қонуни зикршуда ба моддаи 11 қисми нав илова шуда ва моддаи 10 дар таҳрири нав ифода ёфта, дар 9 моддаи қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Аз ин рӯ, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Сафаров Амирхон дода мешавад.

(Идома дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 1, 2)

# Фаъолияти шаҳрсозӣ танзими давлатиро тақозо дорад

**Амирхон САФАРОВ:- Мухтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғафорова Назира Абдуллоевна ва Амиршоева Саодат Амиршоевна пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012 таҳти №1366 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади такмили меъёрҳо, ҳамчунин мутобиқ гардонидани муқаррароти он ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро дар маҷмуъ дастгирӣ намуда, барои такмили он 21 таклиф пешниҳод намуданд, ки аз онҳо 13 таклиф пурра, 6-тои он қисман қабул гардида, 2 таклиф қабул нагардид, ки сабаби он дар ҷадвали таҳиягардида шарҳ дода шудааст.

17 октябри соли 2012 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон» дар ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, дастгирӣ ёфт.

Дар ҷараёни баррасию такмили лоиҳа аз ҷиҳати услуби забон мавриди таҳрир қарор дода, матни он ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ карда шуд.

Лоиҳаи қонуни баррасишаванда ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, татбиқи он аз Буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Бинобар ин, аз шумо, вакилони гиромиқадр, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки моҳият ва зарурияти қабули лоиҳаи қонуни мазкурро ба инобат гирифта, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Оқилов Нурулло Иноятович дода мешавад.

**Нурулло ОҚИЛОВ: -Мухтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» пешниҳод мегардад.

Масъалаҳои вобаста ба рушд ва пешрафти соҳаи туризм дар марҳилаи имрӯза аҳамияти махсус касб намудаанд, чунки он аз як тараф ба сайёҳон пешниҳоди имкони васеи шиносоиро ба дастовардҳо ва бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолии кишвар таъмин намуда, аз тарафи дигар табиати нотакрори диёрамон, таърихи гузаштаи пурғановатамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамояд. Аз ин хотир, ба андешаи мо, бунёди заминаи боэътимоди ҳуқуқии ин соҳа вазифаи муҳим мебошад.



Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2012 ин лоиҳа барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, дигар кумитаҳо ва барои хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни пешниҳодшуда бо мақсади такмили меъёрҳои қонуни амалкунанда, инчунин мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур, сархатҳои якум, ёздаҳум, ҳаждаҳум, бисту якум ва бисту дуюми моддаи 2, қисми 2 сархати шашуми қисми 3 моддаи 5, сархатҳои якум ва даҳуми моддаи 7, ном, қисми 1, сархатҳои ҳафтум ва ёздаҳуми қисми 2 моддаи 8, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 10, қисми 2 моддаи 13 ва қисми 1 моддаи 16 Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» дар таҳрири нав пешниҳод шуда, дар онҳо дуруст муайян гардидани мафҳумҳои «туризм», «маҳсулоти туристӣ», «квотаи туристӣ», «роҳхати туристӣ», «шикори байналмилалӣ», самтҳои афзалиятноки танзими давлатии фаъолияти туристӣ, масъалаи фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи туризм, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти туристиро танзим менамоянд, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм ва ваколатҳои он, масъалаҳои вобаста ба муқаррар намудани квотаи туристӣ, ба суғуртаи хатарҳо дар туризм ва танзими он, шартҳои бекор кардани шартномаи хизматрасонии туристӣ, ҳолатҳои пардохти ҷуброни зарари аз тарафи турист расонидашуда, дар назар дошта шудааст.

Илова ба ин, дар лоиҳаи қонуни мазкур матни сархатҳо, қисмҳо ва моддаҳои гуногуни конун аз ҷиҳати услуби забон ва мутобиқати дохилӣ мавриди таҳрир қарор дода шуда, ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мувофиқ гардонида шуданд.

Ҳамзамон тибқи сархатҳои шашум ва нуҳуми қисми 10, сархатҳои якуми қисми 11 ва қисми 16-уми лоиҳаи қонуни мазкур иваз намудани калимаҳои «мақоми давлатии идораи туризм» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи туризм» дар сархатҳои сеюм ва шашуми моддаи 11, қисми 1 моддаи 12, ном ва матни моддаи 18 қонуни амалкунанда дар назар дошта шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, онро ҷонибдорӣ ва хулосаҳои худро пешниҳод намуданд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кумитаи масъул 22 таклиф ворид гардида, аз онҳо 6 таклиф пурра, 12 таклиф қисман қабул гардида, 4 таклиф қобили қабул ҳисобида нашуд. Таклифу эродҳои Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Шукурҷон Зуҳуров дар Шӯрои Маҷлиси намояндагон ба инобат гирифта шуданд ва қисми 1 моддаи 16 дар таҳрири нав ифода гардид.

Кумитаи мо масъалаи зикргардидаро 11 октябри соли ҷорӣ дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор дод. Кумитаи масъул, бо назардошти мулоҳизоти иштирокчиёни ҷаласа, ба хулоса омад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», бо назардошти таклифу пешниҳодҳои қабулгардида, ҷонибдорӣ карда шавад.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз Буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм»-ро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Низом Қосим дода мешавад.



**Низом ҚОСИМ: - Мухтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Халқи тоҷик дар тӯли ҳазорон сол ёдгориҳои беназири фарҳангӣ офарида, мардуми тамаддунофар ва соҳибтаърих буданашро ба исбот расонидааст. Президенти муҳтарами мамлакат борҳо ба ин ишора карда, хурду бузурги кишварро ба эҳтирому посдории фарҳанги пурбаҳои халқамон даъват менамояд. Бо ифодаи образноки Ҷаноби Олӣ фарҳанг ҳастии миллат ва бешак, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ҷузъи бисёр муҳими онанд, ки саргузашту хотираи таърихии халқро инъикос мекунанд ва мардумро ба созандагиву офарандагии пайваста раҳнамун месозанд.

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ таваҷҷуҳи хос дошта, бахри ҳифзи ҳамаҷониба, истифодаи мақсадноку пурсамар ва тарғиби онҳо чораҳои мушаххас меандешад. Таъмиру тармими даҳҳо ёдгориҳо, ба маърази тамошову омӯзиши мардум гузоштани офаридаҳои таърихии халқ, ба Номгӯйи мероси фарҳанги ҷаҳонӣ ворид шудани шаҳри бостонии Саразм, нашри китоби нодири «Ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон», ки тасвиру тавсифи қариб 200 намунаи барҷастаи мероси таърихию фарҳангиро дар бар гирифтааст, аз он ҷумлаанд. Дар моҳи декабри соли гузашта қабул шудани Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2013-2020 далели нави ин таваҷҷуҳи пайваста аст.

Бояд гуфт, ки дар анҷоми ин корҳо заминаи қонунгузории соҳа, бахусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», нақши муҳим дорад.

Мақсади таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ», ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Марҳабо Ҷабборова ва Низом Косим сурат гирифтааст, такмили қонуни мазкур, риояи техникаи қонунгузорӣ, мутобиқати дохилии қонуни амалкунанда ва аз байн бурдани номувофиқатҳои он бо меъёрҳои дигар санадҳои қонунгузорӣ мебошад.

Муқаддимаи нав, тавассути моддаи $1^1$ ворид намудани мафҳумҳои асосие, ки дар қонуни амалкунанда мавриди истифода қарор гирифтаанд, зикри масъалаи тайёр намудани мутахассисон ва муҳайё кардани шароити мусоиди барқарорсозии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ дар сархати алоҳида, таҳрири забону баёни баъзе моддаҳо аз он ҷумлаанд.

Моддаи $5^1$ ҳудуди объектҳои мероси таърихию фарҳангиро муайян мекунад. Дар қонуни амалкунанда зикр нашудани ин масъалаи муҳим боиси баъзе нофаҳмиҳо, ғайримақсад истифода бурдани ҳудудҳое, ки дар онҳо объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҷойгиранд ва гоҳо боиси харобу нобудшавии чунин объектҳо мегардид.

Дар маҷмӯъ, ба қонуни мазкур ду модда ва се сархати нав ворид карда, як қатор моддаҳо таҳрир шуданд. Ҳамаи ин тағйиру иловаҳо дар ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ ва мутахассисон сурат гирифтаанд ва умед аст, ки ба манфиати соҳа хидмат мекунад.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2012 таҳти №1297 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ирсол шуда буд.

Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ба кумитаи масъул 85 таклифу пешниҳод ворид гардид. Тибқи онҳо лоиҳаи қонун такмил дода шуд ва 11 октябри соли равон дар маҷлиси кумитаи масъул мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт. Аз таклифу пешниҳодҳо 44-тоаш қабул, 39-тоаш қисман қабул шуд ва танҳо ду пешниҳод корбаст нагардид.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат мухолифат надорад ва қабулу татбиқи он маблағгузории иловагӣ талаб намекунад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ»-ро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Аз шумо, вакилони арҷманд, бо эҳтиром хоҳиш менамоем, ки ба ҷонибдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Зиёратшо Саъдулло дода мешавад.

**Зиёратшо САЪДУЛЛО: -Мухтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади муқаррар намудани иди касбии ҳавошиносони Ҷумҳурии Тоҷикистон -5 июн ва дар ин замина рӯҳбаланд намудани кормандони соҳа таҳия гардидааст.

Мувофиқи моддаи 1-уми лоиҳаи қонуни мазкур, дар сархати бисту шашуми моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» баъд аз калимаҳои «муҳити зист» калимаҳои «ва обуҳавошиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1478 аз 15 октябри соли 2012 барои омода намудани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Танҳо аз ҷониби Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон ва Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ бахри такмилёбии лоиҳа чор таклиф пешниҳод ворид гардид.

Кумитаи масъул 18 октябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронида, таклифҳои пешниҳодгардидаро баррасӣ намуда, онҳоро қобили қабул донистанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Аз ин лиҳоз, аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Нозимов Маҳмадшариф дода мешавад.



**Маҳмадшариф НОЗИМОВ: - Мухтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо мақсади мутобиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тибқи қонуни мазкур фаъолияти фондҳои қарзии хурд дар асоси иҷозатнома амалӣ гардида, тартиби додани иҷозатнома низ дар он пешбинӣ шудааст.

Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки банди 20) моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ки фаъолияти фондҳои қарзии хурдро дар асоси шаҳодатнома муқаррар намудааст, хориҷ карда шавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, аз ҷониби Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ду таклиф пешниҳод гардид.

Кумитаи масъул 18 октябри соли 2012 бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи васеъ гузаронида, таклифҳои пешниҳодгардидаро дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи қонун ворид намуд.

Иштирокчиёни ҷаласа лоиҳаи қонунро дар маҷмӯъ дастгирӣ намуда, ҷиҳати пешниҳоди лоиҳа ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мухолифат надорад. Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Аъзам МӮСОЕВ,*
*«Садои мардум».*
*Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ*




### Конференсияи бонувон дар Хоруғ

**ХОРУҒ. (Ш. ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Дар доираи чорабиниҳо ба истиқболи 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ таҳти унвони «Моҳияти таърихии солгарди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» конференсияи бонувон доир гашт.

Меҳрӣ Ғуломшоева – раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи вилоят доир ба моҳияти асосии ин Иҷлосия ҳарф зад. Зикр гардид, ки аз ҷониби вакилон интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бузургтарин дастоварде гашт барои тамоми тоҷикону тоҷикистониён, зеро маҳз Эмомалӣ Раҳмон бо такя ба хиради воло ва неруи созанда тавонист кишварро аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳоӣ бахшида, барои дубора ба ҳам омадани миллати тоҷик заминаи воқеӣ гузорад.

### Дастурҳои Президент амалӣ мешаванд

**ШУҒНОН. (Ш.ШОҲҚОСИМОВ, «Садои мардум»)** Бо мақсади амалӣ намудани дастури Президенти мамлакат дар шаҳраки Ваҳдати ноҳияи Шуғнон барои 1300 оилаи ниёзманди ноҳия дар намуди маводи ғизоӣ, аз ҷумла 50 кг орд, 10 кг равған, 20 кг биринҷ, 15 кг шакар, 10 кг марҷумак ва 10 кг ҷавдор аз ҷониби роҳбарияти ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ба ҳар оила кӯмак карда шуд. Сокинони ноҳия аз ин дастгириву кӯмаки беғаразона, ки тибқи супориши бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифтааст, изҳори сипосу қаноатмандӣ намуда, арз доштанд, ки дар ҷавоби чунин ғамхориҳо пайваста сиёсати созандаву бунёдкоронаи Сарвари давлатро дастгирӣ намуда, дар пешрафти ояндаи дурахшони кишвари соҳибистиқлоламон ҳиссагузорӣ хоҳанд кард.

### Ғамхорӣ нисбати собиқадорон

**РАШТ. (М.РИЗВОНОВ)** Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар ҷараёни омодагӣ ба зимистон нисбати иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ғамхорӣ зоҳир намуд. Ба 37 нафар собиқадорони ҷанг ва 29 нафар маъюбони гурӯҳҳои якум ва дуюми ноҳия ба миқдори як тоннагӣ ангишт ройгон дода шуд.

### Пешгирии зарари маҳсулоти чорво ба одамон

**РОҒУН. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Дар шаҳраки Оби Гарм семинари омӯзишӣ дар мавзӯи «Баланд бардоштани сатҳи бехатарии озуқа ва ҳаёти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи муборизаи самаранок ва устувор бар зидди бемории брутселлёзи чорво» доир гардид. Дар он мутахассисони Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ширкаткунандагони семинар маърӯзаҳо пешниҳод карданд. Дар семинар намояндагони бахши кишоварзии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун, раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, намояндагони бахшҳои Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳозир буданд.

-Чунин семинарҳои омӯзишӣ аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии идораи зерминтақавии Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ доир ба Осиёи Марказӣ дар ноҳияҳои Нуробод, Тавилдара, Рашт, Тоҷикобод ва Ҷиргатол низ гузаронида мешавад,-гуфт ба хабарнигорамон сардори шуъбаи назорати зиддиэпизоотикии хадамоти зикршуда Рустам Резбонов.

### Беш аз 400 тонна ангури хушсифат

**ҲИСОР. (М.ЗОКИР, «Садои мардум»)** Боғдорони ноҳияи Ҳисор ба рушди боғу токпарварӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд. Ин гуфтаҳо дар мисоли фаъолияти ҶДММ "Заркамар»-и деҳоти «Алмосӣ»-и ноҳия барьало мушоҳида мегардад. Хоҷагии мазкур дорои 2820 гектар замини корам аст, ки 460 гектари он токзор мебошад. Соли равон аҳли заҳмати хоҷагӣ зиёда аз 400 тонна ангури хушсифат ҷамъоварӣ намуданд. Ангурпарварон корҳои агротехникиро дар токзорҳо хуб ба роҳ монда, натиҷаи дилхоҳ ба даст оварданд. Хоҷагидорон аз рӯзҳои мусоиди обу ҳавои фасли тирамоҳ самаранок истифода бурда, ният доранд, ки ҳосили боқимондаро то охири мавсим беталаф ҷамъоварӣ намоянд. Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи боғу токпарварӣ деҳқонони хоҷагӣ ҳамасола майдони заминҳои токзорро зиёд намуда, бо ин роҳ барои даҳҳо нафар бошандагони деҳот ҷойҳои нави корӣ низ муҳайё месозанд.

### Оғози кишти тирамоҳӣ

**ИСФАРА. (Ҳ.НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Дар кооперативи истеҳсолии хоҷагии деҳқонии «Чоркӯҳ» ба кишти тирамоҳӣ оғоз бахшиданд. Бино ба гуфтаи раиси хоҷагӣ Н.Олимов, хоҷагии онҳо дорои 376 гектар замини кушод ва 438 гектар боғот буда, 1200 нафар коргар дорад. Деҳқонон имсол аз ҳар гектари майдони кишти ғалла (ҷамъ 94 гектар) 59 сентнерӣ ҳосил рӯёниданд, ки аз нақша зиёд аст. Онҳо аз обу ҳавои мусоид истифода бурда, ният доранд, ки дар ҷойи зироатҳои ҷамъоваришуда дар майдони 120 гектар корҳои вобаста ба кишти тирамоҳиро ба анҷом расонанд.

### «Яхтан» – ҳамеша дар сафи пеш

**ҒОНЧӢ. (Ҳ.НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Аз деҳоти «Яхтан»-у «Муҷум», «Ғазантарак»-у «Ваҳдат» 60 нафар ҷавонони ноҳия таври ихтиёрӣ ба хизмати аскарӣ гуселонида шуданд. Бино ба гуфтаи корманди масъули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Эгамназари Соҳибназар, яхтаниҳо нақшаи тирамоҳии даъвати хизмати ҳарбиро 160 фоиз иҷро намуданд.

-Танҳо аз деҳаи хурди Лолазор даҳ нафар ҷавонон ихтиёран ба хизмат рафтанд. Деҳоти «Яхтан» дар амри иҷрои сафарбаркунии наваскарон ба хизмати ҳарбӣ пешқадам буд ва имсол ҳам пешқадамиро аз даст надодааст,- гуфт ӯ.

*Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум».*
*Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91*

(Идома аз саҳ. 1)

# Иҷлосияи сарнавиштсоз - сарчашмаи саодати мардум

Аз ҷумла варзишгоҳи замонавӣ барои 25 ҳазор ҷойи нишаст, муҷассамаи Одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, беморхонаҳои эндокрениологӣ ва гемотологии бачагона, маркази вилоятии солимгардонии шарёни дил, ҳавзи шиноварӣ, Кохи матбуот, хиёбони Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Хуҷанд, чойхонаи миллӣ дар «Боғи Ваҳдат»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, литсейи президентӣ дар шаҳри Чкалов, муассисаи истироҳатӣ ва солимгардонӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

**- Воқеан ҳам Иҷлосия ба амалишавии ҳадафу ормонҳои мардум, бахусус ваҳдату осоиштагӣ, мусоидат намуд ва ба сӯйи фардои неки мамлакат роҳ кушод. Метавон ин андешаро дар рушди иқтисодию иҷтимоӣ, дастовардҳои меҳнатии сокинони вилояти Суғд дарёфт намуд?**

- Чуноне зикр намудам, маҳз натиҷаи сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи Роҳбари давлат буд, ки имрӯз кишвари мо, бахусус минтақаҳои он, аз ҷумла вилояти Суғд, рушду нумӯъ меёбад.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят фаъолияти худро дар соли ҷашни 20-солагии Иҷлосияи таърихиву тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалӣ намудани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона намудааст. Дар давоми нуҳ моҳи соли равон нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта барзиёд таъмин гардида, ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии мардум мусоидат кардааст.

Аз ҷумла нақшаи даромадҳои буҷети давлатӣ ба андозаи 111,7 фоиз таъмин шуда, ба он зиёда аз 550,4 млн. сомонӣ ворид гардид, ки аз нақшаи аниқшуда 57,5 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 126,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар вилоят бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти ба стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯй ва истифодаи иқтидорҳои бозистода як қатор тадбирҳои мушаххас андешида шуданд.

Корхонаҳои саноатии вилоят ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро ба 2 млрд. 524,7 млн. сомонӣ расонида, суръати афзоишро нисбати ҳамин давраи соли гузашта 115,4 фоиз таъмин намуданд. Ба ибораи дигар, нисбат ба соли 2011 ба маблағи 336 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ зиёд истеҳсол гардид.

Таъсис додани ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ташкил намудани корхонаҳои нав, истифодабарии иқтидорҳои бозистода яке аз самтҳои асосии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба шумор меравад. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 88 корхонаи нави хурду бузург ба фаъолият шуруъ намуда, 2423 ҷойи нави кор таъсис дода шуд.

Соли равон аз буҷети вилоят барои таъмири роҳҳои автомобилгарди шаҳрҳои Хуҷанд 4904,7 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 3950,4 ҳазор сомонӣ, Исфара 4625,4 ҳазор сомонӣ, Конибодом 4629,6 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 1507,1 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо гардида, қисмати роҳҳои марказӣ пурра ва бо сифати баланд мумфарш шуд.

Тадбирҳои ободонию созандагӣ бахшида ба ин санаи таърихӣ, яъне 20 – солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят идома доранд.

**- Вилоят дар самти ҳалли масъалаҳои иҷтимоии мардум, бахусус қабули шаҳрвандон, аз ҷониби роҳбарияти вилоят таҷрибаи судманд дорад. Имсол ин иқдом чӣ гуна роҳандозӣ гардид?**

- Бо мақсади татбиқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт, ки дар Паёмашон моҳи апрели соли гузашта баён гардида буд, ба масъалаҳои қабули шаҳрвандон дар вилоят эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Бояд зикр намуд, ки то ин дам дар 16 шаҳру ноҳияҳои вилоят - Ҷаббор Расулов, Қайроққум, Шаҳристон, Конибодом, Истаравшан, Исфара, Ғончӣ, Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Айнӣ, Панҷакент, Чкалов, Спитамен, Ашт аз ҷониби раиси вилоят қабули шаҳрвандон гузаронида шуд, ки дар он 2563 нафар муроҷиаткунанда пазируфта шуданд.

Дар ҷараёни баргузории қабули шаҳрвандон бисёр масъалаҳои умдаи рӯзгори мардум мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҳалли мусбии онҳо мусоидат карда шуд ва корҳо дар ин самт тибқи нақшаи пешбинишуда дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ идома доранд.

Ҳамчунин рӯзи шанбе дар бинои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят қабули шаҳрвандон аз ҷониби раиси вилоят баргузор мегардад ва то ин дам 857 нафар шаҳрванд пазируфта шудааст.

Ҳар як муроҷиат таҳти назорат қарор дошта, ҳатман чораҷӯйӣ мегардад ва зикр бояд дошт, ки аксари муроҷиаткунандагон оид ба ҳалли масъалаҳои ҷомеа арзу дархост мекунанд ва анқариб 70 фоизи онҳо ҳалли саривақтии худро ёфтаанд.

**- Хоҳишмандем роҷеъ ба омодагӣ ба таҷлили ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят андешаҳоятонро иброз намоед.**

-Бо мақсади дар сатҳи баланду хотирмон таҷлил намудани ҷашни 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори дахлдори раиси вилоят ба тасвиб расида, дар заминаи он омодагӣ ба ҷашн вусъат мегирад.

Бо мақсади рушди иқтисодиёт, ноил шудан ба нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ, иҷрои нақшаҳои барномавӣ, густариши ободонию кабудизоркунӣ дар маҳалҳо, ҳифзи муҳити зист, беҳтар намудани фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои тиб, маориф, фарҳанг, баланд бардоштани нақш ва фаъолнокии аҳолӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва ба муносибати ҷашн дар вилоят озмунҳои «Шаҳри (ноҳияи) беҳтарин», «Мутахассиси беҳтарини сол» доир мегарданд.

Бахшида ба ҷашн мизҳои мудаввар, мулоқоту вохӯриҳо бо иштирокчиёни иҷлосия, конфронсҳои илмию назариявӣ баргузор гардида, корҳои ободонӣ, сохтмони иншооти ҷашнӣ идома доранд. Аз ҷумла Қасри Арбоб аз нав таъмир гардида, дар ин мавзеъ чойхонаи миллӣ бунёд шуда истодааст.

Ба муносибати ҷашн дар вилоят ба истифода супоридани 190 иншооти иҷтимоиву фарҳангӣ, муассисаҳои таълимиву табобатӣ ва беш аз 100 корхонаи саноатии хурду бузург дар назар дошта шудааст.

Таҷлили 20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми вилоят боиси ифтихор ва саодатмандист.

*Ҷумъахон НАБОТОВ,*
*Мухтори АБДУЛЛО,*
*«Садои мардум»*

# Обуна ба маҷаллаи «АХБОРИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» БАРОИ СОЛИ 2013 ДАВОМ ДОРАД

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳе як маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ мерасад.**

**«Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се фасл иборат аст:**

**- дар фасли I қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;**

**- дар фасли II шартнома ва созишномаҳои байналмилалӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ;**

**- дар фасли III қарорҳои шӯроҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп мешаванд.**

**Нархи обунаи солонаи маҷалла, бе назардошти хизматрасонии КВД «Почтаи Тоҷик», 144 сомониро ташкил мекунад.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 26 ноябри соли 2012 музоядаи №26-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул баргузор менамояд

| т/р | Номгуйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Таваққуфгоҳи автомашинаҳои ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом | 100 000 |
| 2 | Бино ва иншооти хоҷагии ёрирасони ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом | 150 000 |
| 3 | Бино ва иншооти ҳаммоми ҶСК «Бодом» | шаҳри Конибодом | 50 000 |
| 4 | Бинои ҳаммоми ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 40 000 |
| 5 | Бинои собиқ маҷмааи ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 60 000 |
| 6 | Бинои клуби ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 60 000 |
| 7 | Бинои нонпазхонаи ҶСК «Ғалла» | шаҳри Душанбе | 10 000 |
| 8 | Бинои чойхонаи ҶСК «Фабрикаи бофандагии Исфара» | шаҳри Исфара | 40 000 |
| 9 | Гармхонаи ҶСК «Зарбдор» | ноҳияи Мастчоҳ | 40 000 |
| 10 | Бинои собиқ профилакторияи табобатии ҶСК «Комбинати консервабарории Хуҷанд» | ноҳияи Ғончӣ | 50 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 ва шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-49-87, 221-73-74, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927-56-64-84,** ҳамчунин аз сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyda-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 26 ноября 2012 года проводит аукцион №26 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Автостоянка ОАО «Бодом» | город Канибадам | 100 000 |
| 2 | Здание и сооружение подсобного хозяйства ОАО «Бодом» | город Канибадам | 150 000 |
| 3 | Здание и сооружение бани ОАО «Бодом» | город Канибадам | 50 000 |
| 4 | Здание бани ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 40 000 |
| 5 | Бывшее здание ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 60 000 |
| 6 | Здание клуба ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 60 000 |
| 7 | Здание лепешечной ОАО «Ғалла» | город Душанбе | 10 000 |
| 8 | Здание чайханы ОАО «Фабрикаи бофандагии Исфара» | город Исфара | 40 000 |
| 9 | Теплица ОАО «Зарбдор» | Матчинский район | 40 000 |
| 10 | Бывшее здание лечебной профилактории ОАО «Комбинати консервабарории Хуҷанд» | Ганчинский район | 50 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г.Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***.

Время проведения **$10^{00}$ часов.**

Место проведения **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, г.Худжанд, улица Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и принимается наличными в кассу ГУП по ОПГИ или безналичными на р/счет ГУП по ОПГИ. В случае победы на аукционе. Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-49-87, 221-73-74**, **город Худжанд, улица Ленина 47/1, тел: 927-56-64-84,** а также на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyda-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **8-31-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раёсати хоҷагии манзилию коммуналӣ ва сохтмони шаҳри Ваҳдат | Харидории қисмҳои эҳтиётӣ | Тибқи дархост | 1.11.2012 соати $10^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда мурочиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад**.**

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқarраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

**БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгуйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 3022/1-1416 | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Тайёр намудани варақаҳои «Тадқиқоти миллӣ оид ба масъалаҳои меҳнати кӯдакон» тоҷикӣ русӣ | нусха нусха | 7200 1000 | 5.11.2012 соати $09^{00}$ |
| 3023/1-1417 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 5 | 5.11.2012 соати $09^{30}$ |
| 3024/1-1418 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 8 | 5.11.2012 соати $10^{00}$ |
| 3027/1-1419 | Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 8 | 5.11.2012 соати $10^{30}$ |
| 3028/1-1420 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Равғанҳои молиданӣ | номгуй | 6 | 5.11.2012 соати $11^{00}$ |
| 3029/1-1421 | Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 60000 | 5.11.2012 соати $11^{30}$ |
| 3030/1-1422 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Либосҳои рақсӣ | номгуй | 9 | 5.11.2012 соати $14^{00}$ |
| 3031/1-1423 | Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Равғанҳои молиданӣ | номгуй | 6 | 5.11.2012 соати $14^{30}$ |
| 3032/1-1424 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагидорӣ | номгуй | 23 | 5.11.2012 соати $15^{00}$ |
| 3033/1-1425 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгуй | 5 | 5.11.2012 соати $15^{30}$ |
| 3025/2-839 | Беморхонаи шаҳрии кӯдаконаи бемориҳои сил, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгуй | 18 | 5.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3034/2-840 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгуй | 30 | 5.11.2012 соати $9^{30}$ |
| 3026//3-713 | Дастгоҳи марказии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири биноҳо | тибқи нақша | | 5.11.2012 соати $9^{00}$ |
| 3035/3-717 | Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Корҳои васлкунӣ | тибқи нақша | | 15.11.2012 соати $9^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда мурочиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои муҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ЭЪЛОН

Раёсати назорати давлатии байторӣ дар сарҳади давлатӣ ва нақлиёт барои ишғоли мансаби холии **сармутахассис – сардори нуқтаи назорати сарҳадии байтории шаҳри Конибодоми вилояти Суғд** бо маоши мансабии 602 сомонӣ

**ОЗМУН**

эълон менамояд.

**Талабот:** маълумоти олӣ (байторӣ), дониши компютерӣ. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Нишонӣ:** ш.Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров 111. Телефон: 260-68-23.

Қабули ҳуҷҷатҳо пас аз нашри эълон - то 14 (чордаҳ) рӯз.

## ЭЪЛОН

Иҷрочии Суди иқтисодии шаҳри Душанбе амволи ба гаравмондаи соҳибкори инфиродӣ Султонов Алишер Ғафурович - бинои ҶДММ «Арман» -ро, ки дар нишонии кӯчаи Гипрозем 1/1 воқеъ аст, бо нархи ибтидоии 1 316 911 сомонӣ санаи 26 ноябри соли 2012, соати $10^{00}$ ба савдои оммавӣ (аукцион) мебарорад.

Телефон барои маълумот: 227-07-37.

## ЭЪЛОН

Иҷрочии Суди иқтисодии шаҳри Душанбе санаи 26 ноябри соли 2012 соати $14^{00}$ музоядаи (аукцион) фурӯши амволи ба гаравмондаи соҳибкор Имомова Лутфия – манзили истиқоматии духуҷрагӣ дар ошёнаи чорум бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 6[а], ҳуҷраи 44-ро дар ҳамин суроға ташкил мекунад.

Нархи ибтидоии манзил -194000 сомонӣ. Пешпардохт барои иштирок дар музояда - 5 фоиз аз нархи ибтидоӣ.

Тамос барои маълумоти иловагӣ: 227-07-37.

## ЭЪЛОН

Иҷрочии Суди иқтисодии шаҳри Душанбе санаи 26 ноябри соли 2012 соати $14^{00}$ музоядаи (аукцион) фурӯши амволи ба гаравмондаи соҳибкор Занҷиров С.М.- манзили истиқоматии сеҳуҷрагӣ бо нишонии шаҳри Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 6[а], ҳуҷраи 43-ро дар ҳамин суроға ташкил мекунад.

Нархи ибтидоии манзил -175300 сомонӣ. Пешпардохт барои иштирок дар музояда - 5 фоиз аз нархи ибтидоӣ.

Тамос барои маълумоти иловагӣ: 227-07-37.

## ТАСҲЕҲ

Дар даъватномахои иштироки озмун таҳти № 2814/1-1290, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 9 октябри соли 2012 таҳти №128 (2955) нашр шудааст, дар сутуни Предмети харид ба ҷойи Таҷҳизоти тиббӣ, Таҷҳизоти лабораторӣ хонда шавад.

***

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти №2813/1-1289, №2814/1-1290, № 2815/1-1291, №2816/1-1292, №2818/2-802, № 2819/3-673, №2820/3-674, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» 9 октябри соли 2012 таҳти № 128 (2955) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 26 октябри соли 2012, 29 октябри соли 2012 хонда шавад.

***

Дар даъватномаҳои иштироки озмун таҳти №2913/3-692, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз 17 октябри соли 2012 таҳти №130 (2957) нашр шудааст, сана ва вақти кушодани лифофаҳо ба ҷойи 7 ноябри соли 2012, 29 октябри соли 2012 хонда шавад.






## Эътибор надорад

➢Патенти № 0228640 бо РЯМ 0130068813-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 19 сентябри соли 2012 ба Хасанбеков Амиршо Муродбекович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли БП №974745-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №179 (ҳозира МТМУ №21) Совети деҳоти Зиддии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) соли 1983 ба Бобоев Камол Гулович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи 5Ш-33-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҳисор бо суроғаи кӯчаи Самарқандӣ, хонаи №13-и ноҳияи Ҳисор 19 январи соли 2012 ба Шорахимов Ҳаким Файзович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми №0099829-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №75-и шаҳри Турсунзода соли 2003 ба Тукаева Инна Хамидовна додааст, эътибор надорад.

➢Муҳри гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Муҳаммадсахиҷон Ҷураҷонович бо РЯМ №035153320, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №7813 л/с-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Шапкин, ҳавлии № 329-и ноҳияи Шоҳмансур (собиқ Роҳи Оҳан)-и шаҳри Душанбе 9 августи соли 1988 ба Додхудоев Ильназар Биномшоевич додааст, эътибор надорад.

➢Билети донишҷӯйии №030992-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон соли 2010 ба Душанов Муҳаммад Одинаевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нуҳуми №090228-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 25-и ноҳияи Сино соли 1992 ба Холиқов Фарҳод Салимович додааст, эътибор надорад.

## Барҳам мехӯрад

➢ ҶДММ «Маҳбуб» бо РМА 040021990, РЯМ 0410002744, воқеъ дар кӯчаи Умед 476-и шаҳри Душанбе, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

➢ ҶДММ «Шомил» бо РМА 190003921, воқеъ дар ноҳияи Восеъ фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢ Шаҳрванд Холова Муслима Қаҳоровна, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №020286 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Ваҳдат 17 октябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Усмонов Алиҷон Тухтасинович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0130484 бо РЯМ 6330039137 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Варзоб 3 сентябри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ Шаҳрванд Ҳамидов Турдиалӣ Саидмуродович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0052632 бо РЯМ 0930021648 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

➢ ҶДММ «Аскар» бо РЯМ 3810000150, дорои шаҳодатномаи №0011960, воқеъ дар ноҳияи Шаҳритуз, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 24 октябри соли 2012, соати 21.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23658 нусха

Навбатдори шумора А.Муродов

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова